№10 (170)
28 октябри соли 2022

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

РӮЗНОМАИ
БИНОКОРОН
Строительная газета

“РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН” 15 СОЛ 2007 - 2022

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года
Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:

ИФТИТОҲИ КОРГОҲИ ИСТЕҲСОЛИ МИКРОСЕМЕНТ ДАР ШАҲРИ НОРАК



саҳ. 5

БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРГОҲҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАҲРИ НОРАК



саҳ. 5

ФАЪОЛИЯТИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗИРО БА ТАНЗИМ ОВАРЕМ



саҳ. 6

ГӮЁТАРИН ДАЛЕЛИ ҲАСТӢ



саҳ.10

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ АГРЕГАТИ №1-И НБО “НОРАК” БА НОМИ ТУРСУН УЛҶАБОЕВ





24 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Норак агрегати №1-и НБО “Норак” ба номи Турсун Улҷабоевро баъд аз таҷдиду навсозӣ ба истифода дода, бо рафти татбиқи Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии ин иншооти азими гидроэнергетикӣ шинос шуданд.

Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии НБО “Норак” аз моҳи марти соли 2019 оғоз гардидааст.

Лоиҳаи мазкур ду марҳиларо дар бар мегирад. Дар марҳилаи аввал се агрегат ва дар марҳилаи дуюм 6 агрегат бо таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасон таҷдид карда мешавад. Дар ин замина, таҷҳизоти эҳтиёҷоти хусусии неругоҳ, се ҳалқаи барқии маҷмӯи зеризаминӣ, дарбандҳои куравӣ, пойгоҳҳо, низоми идора ва назорати неругоҳ пурра таҷдид шуда, 27 крани борбардор ва лифтҳо иваз карда мешаванд. Таъмири дарбандҳои бефи поён ва обрасонҳои турбинавӣ низ дар марҳилаи аввал ба нақша гирифта шудааст. Агрегати №1-и неругоҳро пурра таҷдид намудаанд ва давоми се моҳи охир дар озмоиши истифодабарӣ қарор дошт.

Ҳоло таҷзияи агрегати №4-и неругоҳ идома дорад. Дар толори мошинҳо ва майдони васлгарии кушода васли статор ва ротори генератори навбатӣ идома дорад. Иттилоъ доданд, ки дар доираи Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии НБО “Норак” трансформатори қуввагии №4 таҷзия шуда, васли трансформатори нав пеш меравад.

Корҳои зиддизангзании дарбанди агрегатҳои рақами 2, 4, 5, 6, 8 ва 9 ҳам аллакай ба анҷом расонида шуда, чунин корҳо дар агрегати №3 идома меёбад.

Бо назардошти фаъолияти зиёд 25 кран ва механизмҳои борбардор нав гардида, ба истифода дода шудааст. Кранҳо бо иқтидори борбардории 120 ва 50 тоннагии анбори марказии неругоҳ барои озмоиш омода карда мешаванд.

Лавҳаи тақсимотии 6 кВ, лавҳаҳои Н-1, то Н-5 ва Н-9, ки барои эҳтиёҷоти хусусии неругоҳ пешбинӣ шудаанд, компрессорҳои муваққатӣ, қубурҳои системаи ҳавои фишурдаи паст ва баланд, инчунин пойгоҳҳои галереяи назорати обрасонҳои турбинавӣ, фекалии соҳили рост, коллектори дарбандҳои куравӣ, чоҳҳои полоишии рақамҳои 1,2,3, ва 5 дар истифода қарор доранд. Дар маҷмӯи зеризаминӣ васли ҷӯйборҳои ноқилӣ ва ноқилҳои баландшиддат идома дорад. Дар зеристгоҳҳои Н-14 ва Н-16 трансформатори нав насб намудаанд. Дар доираи марҳилаи аввали Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии НБО “Норак” корҳо дар чор самт босуръат ва сифати баланд пеш мераванд.

Аз 97 обқабулкунаки пезометри бефишор 93 ва аз 269 пезометри фишордор 228 адад тоза карда шуда, дар галереяҳои назоратӣ аз 57 пезометри дуқабата 17 адади онро ба истифода додаанд. Ҳамчунин дар умқи 130 метр, нишонаи 665 ва дар соҳили чапи неругоҳ 4 пезометр ва 5 инклинометр васл гардидааст.

Таҷдид ва таъмири таҷҳизоти гидромеханикӣ, эҳтиёҷоти хусусӣ ва кранҳо, ивазнамоии системаҳои ҳавотозакунӣ дар камераҳои дарбандҳо, коллектории рақами 1, 2 ва васлии 6В, инчунин таҷҳизоти таъминоти об, оташнишонӣ, 6 автотрансформатор, насби васлакҳои элегазии 500 кВ ва генератори дизелӣ аз корҳои дигари ба нақшагирифташуда буда, қисман ба анҷом расонида шуда, дар қисми дигар бо сифат идома дорад.

Бо мақсади таъмини бехатарии сарбанди неругоҳ дар доираи лоиҳа корҳои кофтукови геотехникӣ, мониторинги полоиш, масофа, геодезӣ ва сеймикӣ гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи татбиқи пурраи лоиҳа тавоноии НБО “Норак” 375 МВт ва истеҳсоли миёнаи солонаи нерӯи барқ 1,4 миллиард кВт соат зиёд мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки то оғози амалисозии лоиҳа тавонании неругоҳ ба 3000 МВт ва истеҳсоли миёнаи солонаи нерӯи барқ 11,2 миллард кВт соатро ташкил медод.

Пудратчиҳои асосии Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии НБО «Норак» ширкати «Андритз Гидро», ҶСК «ТГЭМ» ва ҶСК «Синогидро СО» буда, барои иҷрои корҳо ҶСК "ТСГЭМ" ва ҶСК "Инвертор" ҷалб шудааст.



# ИФТИТОҲИ КЛУБИ ИННОВАТСИОНӢ ВА “КРОКУС ФИТНЕС” ДАР НОҲИЯИ ФИРДАВСИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

17 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Клуби инноватсионӣ ва “Крокус фитнесро” мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

замонавии шиноварӣ буда, ҳавзи калони он имконият дорад, ки варзишгарони касбиро низ ба машғулият фаро гирад. Ҳамчунин барои занон як ҳавзи алоҳидаи оббозӣ ва барои кӯдакон ҳавзи махсус бунёд гардида, бо назардошти меъёрҳои санитарӣ ҳавзҳои шиноварӣ фаъолият менамоянд. Коркарди об дар 5 марҳила амалӣ гашта, инчунин ҳарорати муътадили дохили ҳавзҳо



Иншооти муҳташаму зебо бо назардошти талаботҳои муосир бунёд гардида, бо тамоми дастгоҳ ва таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Тавре зимни боздид иттилоъ дода шуд, клуб барои машғулшавӣ ба навъҳои гуногуни варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва нигоҳдории зебогӣ имконияти зарурииро фароҳам овардааст. Аз ҷумла, дар як вақт дар ин иншоот бештар аз 2 ҳазору 500 нафар метавонанд, ба навъҳои гуногуни варзиш машғул шаванд ва бо онҳо мураббиёни ботаҷрибаву таҳсилдида машғулият мегузаронанд.

“Крокус фитнес” дорои се ҳавзи дар фасли зимистон бо истифода аз дастгоҳҳои муосири соҳавӣ муътадил нигоҳ дошта мешавад.

Дар дохили Клуби инноватсионӣ ва фитнеси “Крокус фитнес” толори барҳавову замонавии варзишӣ барои машғулшавӣ ба тамринҳои омехта бунёд гардида, дар ин ҷо варзишгарон ва дӯстдорони тарзи ҳаёти солим метавонанд ба намудҳои варзиши бокс, муҳорибаи омехта, гӯштин, гимнастика машғул шаванд.

Ин қисмати иншоот бо тамоми дастгоҳ ва шароити зарурӣ муҷаҳҳаз буда, барои кӯдакон дар дохили он клуби алоҳида фаъолият менамояд.

# ИФТИТОҲИ ТАРАБХОНАИ БРАЗИЛИИ “ЛАТИНА-ДУШАНБЕ” ДАР НОҲИЯИ СИНОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ



17 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Тарабхонаи бразилии “Латина-Душанбе” (Latina-Dushanbe)-ро ифтитоҳ карданд.

Иттилоъ дода шуд, иншооти нави хизматрасонӣ, ки дар маҳалли хушбоду ҳавои соҳили “Кӯли ҷавонон” қомат афрохтааст, ба хотири ба мизоҷон расондани хизматрасонии сатҳи ҷаҳонӣ ва пешниҳод кардани таомҳои наву гуногуни болаззат бо бренди ширкати машҳури бразилиягӣ, сохта шудааст.

Соҳибкорони ватандӯст дар баробари бунёди иншооти муосири маишию хизматрасонӣ ба масъалаи таъсис ва таъмини ҷойҳои нави корӣ барои сокинони пойтахт аҳамияти аввалиндараҷа додаанд.

Дар тарабхона 50 нафар бо кори доимӣ таъмин шуда, дар мавсими гармо 10 нафар пешхизмат ба шуғли муваққатӣ фаро гирифта мешавад.

Дар қисмати дарунӣ ва берунии тарабхона дар маҷмуъ барои дар як вақт ба 250 нафар хизмат расондан, ҷойи нишаст мавҷуд аст.

Тарабхона аз дигар марказҳои маишию хизматрасонӣ бо тарҳи нодир ва тарзи нави пешниҳоди сихкабобҳову хӯришҳои гуногун фарқ мекунад. Ороиши зебои толори бино, истифодаи ашёҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва мусиқии форам иқлими гарми кишвари бразилияро бозгӯ аст.

Иншоот бо лоиҳаи “франшиза”, яъне дар асоси шартнома истифода бурдани бренди машҳури хориҷӣ ва технологияи он бунёд гардидааст. Барои пеш бурдани кори тарабхона ва пухтани таомҳои гуногун шаҳрванди кишвари Бразилия ҷалб гардидааст, ки дар ҳамкорӣ бо ошпазҳо ва кадбонуҳои тоҷик ба мардум хизмат мерасонанд.

Дар тарабхонаи "Латино-Душанбе, ки дар ҳудуди кишварҳои аъзои ИДМ нахустин мебошад, 110 намуд хӯрок тайёр ва ба мизоҷон пешниҳод карда мешавад.

Атрофи тарабхона барои ҷалби ҳарҷӣ бештари меҳмонони дохилӣ ва назаррабо гардониданд бо дарахтони нодири ороишӣ, ки аз хориҷи кишвар оварда шудааст, оро ёфтааст.





# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “МАКТАБИ БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА” ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

3 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба шаҳри Турсунзода ташриф оварданд.

Боздиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бинои Муассисаи ғайридавлатии таълимии “Мактаби ба номи Мирзо Турсунзода” оғоз гардид.

Президенти мамлакат иншооти навро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароити таълимӣ дар он шинос шуданд.

Муассисаи таълимӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Аҳрор Солиев бунёд гардидааст.

Бинои мактаб аз се ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 16 синфхона бо 400 ҷойи нишаст ва дигар ҳуҷраҳои корӣ мебошад.

Акнун бо мавриди истифода қарор гирифтани иншооти нави соҳаи маориф 48 нафар соҳиби ҷойи кор ва маоши хуб шуданд, ки аз ин 25 нафарашон омӯзгорони ботаҷриба мебошанд.

Дар ошёнаи якуми бинои мактаб синфхонаи компютерӣ, маҳфили эҷодӣ ва 2 синфхонаи таълимӣ ҷойгир буда, 6 синфхонаи дигар дар ошёнаи дуюм мавҷуд аст. Китобхона ва синфхонаи шоҳмот дар ошёнаи сеюм ҷойгир мебошад.

Аз рӯи лоиҳа дар таҳхонаи бино ошхона барои 80 нафар, толори варзиш, бунгоҳи тиббӣ ва ҳуҷраи омӯзгорон сохта шуда, барои алоқамандони варзиш тенниси рӯйи миз гузошта шудааст.

Таҳсил дар муассисаи навбунёд бо забони тоҷикӣ ва русиву англисӣ ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, дар доираи эълон шудани солҳои 2020-2040 - “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешаванд.

Дар ҳудуди мактаб майдончаи бозии футбол низ бунёд гардидааст.



# ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №92 ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА



3 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Турсунзода дар деҳоти Ҷӯра Раҳмонов бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 92 ба номи Камолиддин Мадумаровро ба истифода доданд.

Бинои нави таълимӣ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати бунёдкорона ва маорифпарваронаи роҳбарияти олии сиёсии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи муосир барои 1300 нафар хонанда дар ду баст бунёд ёфтааст.

Лоиҳаи бинои мактаб аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Арк Лоиҳа” таҳия гардида, корҳои сохтмониро мутахассисони маҳаллӣ дар муҳлати муайянгардида бо сифати баланд анҷом додаанд.

Масоҳати умумии замини иншоот 37 садякро дар бар мегирад ва худи бинои таълимӣ дар майдони 765 метри мураббаъ қомат афрохтааст.

Иншооти нави таълимӣ аз ду ошёна иборат буда, дорои 24 синфхона, аз ҷумла, синфхонаҳои муҷаҳҳази фанни химия, физикаю биология бо озмоишгоҳҳо, математика, технологияи иттилоотӣ ва таълими меҳнат мебошад.

Ҳамчунин дар бинои нави таълимӣ барои роҳбарият ва омӯзгорон ҳуҷраҳои корӣ бо тамоми шароити зарурӣ таъсис дода шудааст.

Барои таълиму тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ 38 нафар омӯзгори ботаҷриба ба кор ҷалб гардидааст.

Даргоҳи нави маърифат ҳамчунин дорои майдончаи варзишии тобистона, толори барҳавои варзишӣ бо 250 ҷойи нишаст ва ошхона барои хонандагону омӯзгорон мебошад.

Бинои муассисаи таълимӣ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ, роҳбари Хоҷагии деҳқонии “Боғи Сомон” Муҳаммадамин Камолов сохта шудааст.

Китобхонаи муассисаи таълимӣ бо адабиёти зиёди дарсӣ ва бадеӣ таъмин буда, хонандагон имкон доранд бо истифода аз чунин шароит барои иштироки фаъолона дар озмунҳои гуногун ҳамаҷониба омода шаванд.

**www.president.tj**





# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАҶМААИ “ДУОИ МОДАР” ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

23 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон Маҷмааи “Дуои Модар”-ро мавриди истифода қарор доданд.

Маҷмааи “Дуои Модар” дар даромадгоҳи шаҳри Кӯлоб, дар масоҳати наздик ба 1 гектар бунёд шуда, ба макони зебову назаррабо ва ҷойи қабул ва гусели меҳмонон табдил дода шудааст.

Дар маркази маҷмаа муҷассамаи Модар дар шакли “болои кат даст ба дуо бардошта” сохта шудааст. Дар фарҳанги мардуми тоҷик ҳайкалтарошони маҳаллӣ, ки аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон мебошанд, бунёд ёфтааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳои худ азамату бузургии Модарро васф карда, дар ситоиши Модар фармудаанд: “Зан-Модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад.”

Лоиҳаи иншоот аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии “Лоиҳакаш”-и шаҳри Кӯлоб таҳия шудааст. Фармоишгари иншоот Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри



дуои Модар рамзи ҳифзу амонӣ, сабзишу пешрафт ва комёбиву муваффақиятҳо దониста мешавад.

Пасманзари муҷассамаро асари бадеии монументалӣ дар васфи Модар зеб медиҳад. Ин асар аз 6 қисм иборат аст ва ҳар яки онҳо заҳмату талошҳои шабонарӯзии Модар баҳри тарбия ва ба камол расонидани фарзандро инъикос мекунанд. Ҳамзамон дар ин асар расму ойин, рӯзгору пайкори мардуми тоҷик таҷассум ёфтааст.

Муҷассамаи “Дуои Модар” ва асари бадеии монументалӣ дар васфи Модар аз ҷониби Кӯлоб буда, пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Паргор” мебошад.

Дар ҳудуди маҷмаа фаввораҳо сохта шуда, чорроҳи замонавӣ насб гардидааст. Атрофи муҷассамаи Модар бо гулу буттаҳо ва дарахтони ороишӣ сабзкорӣ шуда, роҳравҳо сафолакпӯш гардидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони Маҷмааи “Дуои Модар”-ро дар даромадгоҳи шаҳр иқдоми хубу шоистаи таҳсин хонда, ба тамоми дастандакорон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

# ИФТИТОҲИ ПУЛИ МОШИНГУЗАР ДАР НОҲИЯИ ШАМСИДДИН ШОҲИН




23 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи байналмилалии “Кӯлоб - Шамсиддин Шоҳин” пули мошингузарро мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти мазкур дар асоси Лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди “Кӯлоб қитъаи А”, “Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин” бо фармоиши Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби пудратчии асосӣ - Филиали Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Муҳандиси сохтмонии Синтзян” аз 22 феврали соли 2018 амалӣ гашта, бо сатҳу сифати баланд сохта шудааст.

Мувофиқи маълумоти сохтмончиён дарозии пул 140 ва паҳноиаш 10 метр буда, иқтидори борбардории он 100 тонна мебошад.

Пули мазкур ҳамчун қисми таркибии сохтмони роҳи байналмилалии “Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Кулма” ба шумор рафта, дар доираи дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат бо мақсади раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионии ҷумҳурӣ, амалӣ гашта, монеа ва мушкилоти мавҷударо дар рафтуомади ҳамагуна нақлиёт бартараф месозад.

Бунёди роҳу пулҳо дар замони соҳибистиқлолӣ пеш аз ҳама ба таъмини рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот, инчунин ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон замина фароҳам меорад.

Ёдовар мешавем, ки 11 сентябри соли 2019 дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ба сохтмони роҳи мошингарди “Кӯлоб-Қалъаи Хумб” дар қитъаи “А”, ки шаҳри Кӯлобро бо ноҳияи Шамсиддин Шоҳин мепайвандад, оғоз бахшид буданд.

5 октябри соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи автомобилгарди “Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин”-ро ифтитоҳ карда буданд.

Роҳи автомобилгарди “Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин” дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, пойтахти мамлакат - шаҳри Душанберо бо шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин наздик сохта, яке аз дарвозаҳои асосӣ барои пайваст намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин тавассути Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.





# ИФТИТОҲИ КОРГОҲИ ИСТЕҲСОЛИ МИКРОСЕМЕНТ ДАР ШАҲРИ НОРАК

24 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Норак коргоҳи истеҳсоли микросементро, ки дар назди ЧСП "Заводи таҷрибавии механикӣ" сохта шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Коргоҳи истеҳсолӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ, роҳбари ЧСП "Заводи таҷрибавии механикӣ"-и шаҳри Норак Хуҷамурод Азимов



сохта шудааст ва корҳои сохтмонӣ моҳи феврали соли 2022 оғоз ёфта, масоҳати иншоот 9 ҳазору 877 метри мураббаъро дар бар мегирад.

Иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як рӯз 45 тонна ва дар як сол 160 ҳазор тонна микросементро ташкил медиҳад.

Коргарон сокинони маҳаллӣ мебошанд, ки маоши онҳо аз 2000 то 2500 сомониро ташкил медиҳад. Дар корҳои сохтмонӣ ва васлгарии коргоҳ 70 нафар бинокор ва кормандони муҳандисию техникӣ иштирок намудаанд, ки бо маоши хуб таъмин буданд.

Хати технологии коргоҳи нави истеҳсоли микросемент аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас гардида, тавассути он тавлиди маҳсулоти рақобатпазир ва ҷавобгӯи замони муосир ба роҳ монда шудааст.

Баъди ба истифода супоридани коргоҳи нав зиёда аз 36 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, шумораи коргарону мутахассисон дар Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Заводи таҷрибавии механикӣ" ба зиёда аз 1500 нафар баробар гардид.

Коргоҳ дорои озмоишгоҳи махсус мебошад, ки дар он мутахассисон тариқи таҷҳизоти ҳозиразамон сифати маҳсулотро дақиқ муайян менамоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти коргоҳ ва маҳсулоти истеҳсолии он, ки бо дастгоҳи муосири рақамии компютерӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, шинос шуда, ба масъулон ҷиҳати нигоҳ доштани сифатнокии маҳсулот дастуру ҳидоятҳо доданд.

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРГОҲҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАҲРИ НОРАК



24 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Норак коргоҳҳои истеҳсолии варақаҳои гаҷӣ (гаҷ картон), сангҳои ороишӣ ва маҳсулоти сохтмонии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Нурсоз"-ро мавриди истифода қарор доданд.

Коргоҳҳои нави истеҳсолӣ дар шаҳри Норак дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, "Солҳои рушди саноат" солҳои 2022-2026 ва ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқдоми соҳибкорони ватанӣ, бародарон Табаровҳо бунёд гардидааст.

Бо таъсиси коргоҳҳои нави истеҳсолӣ зиёда аз 100 нафар сокинони шаҳр, аз ҷумла, занону духтарони хонашини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Дар коргоҳи истеҳсоли варақаҳои гаҷӣ бо истифода аз дастгоҳу технологияи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон имкон аст, ки дар як шабонарӯз 6 ҳазор ва дар як сол 2 миллион метри мураббаъ масолеҳи баландсифати сохтмонӣ дар асоси талаботи байналмилалӣ омода карда шавад.

Ба иттилои масъулон оянда бо боло бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ин нишондод дар як сол то ба 3 миллион метри мураббаъ варақаҳои гаҷӣ расонида хоҳад шуд.

Технология ва хатҳои истеҳсолии коргоҳ аз кишварҳои мутараққии дунё ворид карда шуда, аз ҷониби мутахассисони ватанӣ васлу насб гардида, идора карда мешаванд.

Маҳсулоти истеҳсолии коргоҳи муосири навбунёд бо дарназардошти истифодаи ашёи табиӣ, ба саломатӣ безарар буда, ивазкунандаи воридот мебошад. Варақаҳои гаҷӣ дар марҳилаи аввал бо андозаи 1,20 ба 2,5 метр ва ғафсии 9,5 миллиметр истеҳсол мешаванд, ки асосан барои сақфи иншооти гуногун пешбинӣ гардидаанд.

Сарвари давлат иқдоми соҳибкорони ватаниро дар самти бунёди коргоҳҳои истеҳсолӣ бо шоёни таҳсин ва намуна арзёбӣ карданд.

**www.president.tj**



# ФАЪОЛИЯТИ МЕЪМОРӢ ВА

14 октябри соли равон маҷлиси васеи Ҳайати мушовараи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлиси ҳайати мушовара ректори Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон муҳтарам Ғанизода Ҷамшед, директори ҶСК «ПИЛҶ САНИИОСП» Каримзода Маҳмадкарим, директори КВД «Душанбешаҳрсоз» Ғиёсов Меҳрубон, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Кумита, роҳбарон ва кормандони масъули зерташкилоту муассисаҳо, сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, директорони корхонаҳои фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо иштирок намуданд.

Садри маҷлис Умарзода Улуғбек Хуҷа - муовини якуми Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дод, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2022, №387 Ғанизода Ҷамшед Шуҳоат – ректори Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон», Абдураҳимзода Парвиз Абдураҳим – сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумита ва Азизиён Сами Солӣ – сардори Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аъзои ҳайати мушовараи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Дар давоми семоҳаи сеюми соли равон дар мувофиқа бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмон сармеъморони шаҳрҳои Конибодом Юсупов Фирдавс Қаҳорович, Турсунзода Зоирзода Ҷамшед Қурбоналӣ ва Ваҳдат Раҳимов Файзулло Ҳабибуллоевич, инчунин бо фармоиши Раиси Кумита Исоев Махсадҷон иҷрокунандаи вазифаи директори корхонаи фаръии корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар ноҳияи Панҷ ба вазифа таъин гардиданд.

Дар рӯзномаи маҷлиси васеи ҳайати мушовара як масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки ин ҳам бошад:

1. Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти раёсату шӯъбаҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо барои ҷамъбасти соли ҷорӣ.

Тибқи ҳисоботҳои пешниҳодгардида натиҷаи фаъолияти раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Кумита, корхонаҳо ва зерташкилотҳо, сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, корхонаҳои фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар давраи ҳисоботӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд ва барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар қарори ҳайати мушовара вазифагузорӣ карда шуданд.

Умарзода У.Х. аз натиҷаи фаъолияти Кумита дар нуҳ моҳи соли 2022 маълумот дода, барои ҷамъбасти соли ҷорӣ вазифагузорӣ намуд. Мавсуф қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита асосан ба таҳияи асноди лоиҳавию харҷномавии иншоот, нақшаҳои генералӣ ва нақшаҳои муфассали банақшагирии маркази шаҳру ноҳияҳо, таҳия, мувофиқасозӣ ва такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, аз экспертизаи давлатӣ гузаронидани ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ, додани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, таъмини назорати давлатии сифати корҳои сохтмонӣ ва ба меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ҷавобгӯ намудани онҳо машғул шуда, бахри амалӣ намудани ин мақсадҳо кӯшиш ба харҷ доданд.



Барои таъмини иҷрои сариваќтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати ҷумҳурӣ ба дигар талаботҳои қонунгузорӣ дар соҳаи сохтмону меъморӣ, инчунин ҷиҳати амалӣ шудани ҳадафҳои стратегии давлат кормандони масъули дастгоҳи маркази Кумита ва воҳидҳои сохтории он, сармеъморони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, инчунин ташкилотҳои сохтмонию истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ҷумҳурӣ сарфи назар аз шакли моликият дар ин муддат кӯшиши бештар ба харҷ дода, барои ноил шудан ба ҳалли масъалаҳои гузоштагшуда як қатор корҳоро ба анҷом расониданд.

Аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда дар ин давра ҳисоботи муфассал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Дар нуҳ моҳи соли 2022 инвеститсияи сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ ба маблағи 11 миллиарду 778 миллиону 500 ҳазор сомонӣ истифода шудааст.

Ҳамчунин дар ин муддат ба масоҳати умумии 1 миллиону 174 ҳазору 700 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шуданд. Моҳҳои январ-сентябри соли 2022 фондҳои асосӣ ба маблағи 2 миллиарду 744 миллиону 100 ҳазор сомонӣ ба кор андохта шуда, иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ 9 миллиарду 774 миллиону 500 ҳазор сомониро ташкил дод.

Дар ин давра мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои 12182 ҷойи талаба, дармонгоҳ барои 280 қабул дар як баст, беморхона барои 77 кат ва муассисаҳои томактабӣ барои 392 ҷой ба истифода дода шуданд.

Кумита бо мақсади иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд ва бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тасдиқ гардидааст, чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш дар муҳлатҳои муқаррргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод гардид.

Тибқи нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯӣ



барои соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағ ҷудо гардид, ки барои иҷрои корҳои лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ (нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо ва нақшаи муфассали банақшагирӣ) ва барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ равона шудааст.

Дар доираи «Нақшаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии Кумита барои соли 2022» Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон» Маҷмӯаи ҳарсемоҳаи нархҳои миёнаи харҷномавӣ ба захираҳои асосии сохтмон, Ахборотномаи ҳар семоҳаи нархгузорӣ дар сохтмон ва зарибҳои ҷории бозҳисобкунии арзиши корҳои сохтмонӣ, таъмирӣ, васлгарӣ ва бакорандозиро барои семоҳаи якум, дуюм ва сеюми соли 2022 таҳия намуда, барои истифодабарӣ ба субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ пешниҳод намуд. Айни замон, аз ҷониби корхона таҳияи ҳуҷҷатҳои қайдгардида барои семоҳаи чоруми соли 2022 омода карда шуда, рӯзҳои наздик барои истифодабарӣ ба субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандагони масолеҳҳои сохтмонии ватанӣ аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон» Феҳристи истеҳсолкунандагони маҳсулоти сохтмонии ватанӣ барориши №01 соли 2022 таҳия карда шуд, ки дар он рӯйхати 27 ташкилоту корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сохтмонии ватанӣ бо дарҷи зиёда аз 820 номгӯйи маҳсулотҳо ҷойгир карда шудааст.

Инчунин бо ин мақсад дар «Маҷмӯаи ҳарсемоҳаи нархҳои миёнаи харҷномавӣ ба захираҳои сохтмонӣ» номгӯйи молу маҳсулотҳои 27 ширкату ташкилотҳои истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти сохтмонии ватанӣ ворид карда шуда, пешкаши субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ гардонида шуд.

Директори Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон» вазифадор карда мешавад, ки минбаъд барои ба таври объективӣ муайян намудани арзиши корҳо ва нархи масолеҳ, инчунин аз нав мукаммалсозӣ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрии дар соҳаи нархгузорӣ амалкунанда, ки дар солҳои 2004, 2007 ва 2008 қабул гардида то ҳол мукаммалсозӣ гардонида нашудаанд, то охири соли равон чораҳои зарурӣ андешад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ» 13 адад ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо фармоишҳои дахлдори Раиси Кумита тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуданд. Инчунин 5 адад ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо фармоишҳои Раиси Кумита тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор доранд. Илова бар ин, 5 адад ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар Шӯрои илмӣ-техникии Кумита баррасӣ карда шуда, барои тасдиқ тавсия дода шуданд.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии

# ШАҲРСОЗИРО БА ТАНЗИМ ОВАРЕМ



«Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ» дар давраи ҳисоботӣ таҳияи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи низоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастурамал оид ба пешбурди регистр ва реестрҳои кадастри шаҳрсозӣ», «Дастури методӣ оид ба ташкили феҳристи нишондиҳандаҳо ва пешбурди мониторинги фаъолияти шаҳрсозӣ», ташаккули феҳристи нишондиҳандаҳои (индикатор) мониторинги фаъолияти шаҳрсозӣ», «Таснифот ва ҳайати маълумотҳои кадастри давлатии шаҳрсозӣ» ба анҷом расонида шуда, дар Шӯрои илмию техникии Кумита мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва айни замон дар марҳилаи амалисозӣ қарор доранд.

Бо мақсади дар сатҳи баланд ва саривақт ба иҷро расонидани корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯӣ сардори раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон, директорони корхонаи воҳиди давлатии «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон», корхонаи воҳиди давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ», ҶСК "Шаҳрофар" ва Муассисаи давлатии «Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ» вазифадор карда мешаванд, ки ӯҳдадориҳои худро вобаста ба иҷрои нақшаи таҳияи санадҳои меъёрӣ дар муҳлати муқаррааргардида ба иҷро расонанд.

Дар ин давра ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозӣ ва баррасии масъалаҳои илмию техникӣ дар соҳа 3 ҷаласаи Шӯрои илмию техникӣ, 2 ҷаласаи Шӯрои шаҳрсозӣ ва 3 ҷаласаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон гузаронида шуда, дар маҷмӯъ зиёда аз 32 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Пажӯҳишгоҳҳои лоиҳакашӣ ва Корхонаҳои воҳиди давлатӣ дар нуҳ моҳи соли 2022 ба маблағи 23 миллиону 592 ҳазору 639 сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ, хизматрасонӣ, ҷустуҷӯию тадқиқотиро (бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда) ба анҷом расониданд, ки ин 103,5 фоизи ҳамин давраи соли 2021-ро ташкил намуд. Ҳосилнокии меҳнати як корманд дар нуҳ моҳи соли 2022 3314,04 сомонӣ ва маоши миёнаи як корманд дар давраи ҳисоботӣ 1693,69 сомониро ташкил дод, ки ин нишондод 110,2 фоизи ҳамин давраи соли гузаштаро ташкил дод.

Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ ва Корхонаи воҳиди давлатии "Ташхисгар" вазифадор карда шудааст, ки барои кам намудани муҳлати баррасӣ, экспертиза ва пешниҳоди хулоса ба лоиҳаҳои аз ҷониби ташкилотҳои лоиҳакашии системаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида на дертар аз 15 рӯз чораҷӯӣ намоянд. Ҳангоми муайян намудани арзиши корҳои экспертӣ нисбати лоиҳаҳои аз ҷониби ташкилотҳои лоиҳакашии системаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида тибқи тартиби амалкунанда аз зарибҳои пасткунандаи арзиш истифода намоянд.

Ҷиҳати иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳия ва барои мувофиқа пешниҳод намудани лоиҳаи ангоравии биноӣ "Маркази намоишгоҳи байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе" Кумита чораҳои зарурӣ андешида, аз ҷониби ташкилотҳои лоиҳакашии Кумита 6 варианти лоиҳаҳои ангоравии биноӣ "Маркази намоишгоҳи байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе" бо назардошти талаботҳои дахлдори аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида омода гардида, барои мувофиқа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар иншооти "НБО Роғун" мувофиқ ба супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таъмин намудани нерӯгоҳ, ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи нархгузорӣ, масъалаҳои техникии иншоот ва дархостҳои ташкилотҳои дар "НБО Роғун" фаъолиятдошта ҳаллу фасл гардида истодаанд.

Дар ин давра зиёда аз 15 масъалаҳои ба сохтмони иншооти «НБО-и Роғун» тааллуқдошта, аз ҷониби мутахассисони Кумита мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хулосаҳои дахлдор ба ҶСК «НБО Роғун» ирсол карда шуданд.

Мутахассисони Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумита дар якҷоягӣ бо намояндагони раёсати назорати техникии ҶСК "НБО Роғун" дар давоми моҳҳои январ-сентябри соли 2022 дар асоси нақшаи корӣ оид ба таъмини сифати корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншооти неругоҳ санҷишҳои назоратӣ гузаронида, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта чораҷӯӣ карда шуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2022 ба Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои гирифтани иҷозатномаи фаъолияти сохтмонӣ ва лоиҳакашӣ 383 муроҷиат ворид гардида, аз ҷониби Комиссияи иҷозатномадиҳӣ ба 264 довталаб иҷозатнома дода шудааст. Ба 75 ташкилот аз ҷониби Комиссия бо сабаби камбудиҳои ҷойдошта ҷавоби рад дода шуда, ҳуҷҷатҳои 39 довталаби дигар мавриди омӯзиш қарор доранд.

Сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ вазифадор карда мешавад, ки барои такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Хадамот, риоя ва таъмини шарту талаботҳои иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, дар фаъолияти корӣ татбиқ намудани таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани низоми электронии қабул ва баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон барои гирифтани иҷозатномаи фаъолияти лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ чораҷӯӣ намояд.

Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар нуҳ моҳи соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ назорати сифати корҳои сохтмонӣ ва риояи талаботи меъёру қоидаҳои шаҳрсозиро ба роҳ монда, дар 886 иншоот 1443 санҷиш гузаронида, 3135 камбудӣ ошкор карда шуд ва ба масъулини сохтмонҳо 845 амрнома дода шуда, ба 267 шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мансабдор барои роҳ додан ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 975712,0 сомонӣ ҷарима таъин карда шуд.

Иҷрои банди 23 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2014, №69 таҳти назорати доимӣ қарор дошта, сохтмони иншооти аз рӯи лоиҳаи нопурра, бе хулосаи мусбии экпертизаи давлатӣ, бе иҷозати мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ ва бе қарори раисони шаҳру ноҳияҳо идомадошта манъ карда шуда, чораҳои зарурӣ андешида шуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2022 сохтмони 26 иншооти бе хулосаи мусбии экспертизаи давлатӣ, 11 иншоот бе лоиҳаи корӣ ва 10 иншооти бе қарори Раисони шаҳру ноҳияҳо оғозгардида ошкор карда шуда, нисбати шахсони ба қонунвайронкунӣ роҳ дода чораҷӯӣ карда шуд.

Барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба камбудиҳои зикршуда сармеъморони шаҳру ноҳияҳо, ки ҳамчун намояндаи ваколатдори Кумита сиёсати соҳаро дар маҳал татбиқ менамоянд, масъулияти баланд доранд. Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки худи сармеъморон талаботи қонунгузориро сарфи назар намуда, барои содир шудани камбудӣ мусоидат менамоянд.

Аз ин рӯ, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита, сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолияти шаҳрсозӣ, пешгирӣ ва роҳ надодан ба камбудӣ дар мавриди иҷрои корҳои сохтмонӣ, таъмини амнияти бехатарии бино ва иншооти бунёдшаванда, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо субъектони фаъолияти шаҳрсозӣ, ташкил намудани суҳбату вохӯриҳо бо сохтмончиён ва соҳибкорон, тавассути радио ва телевизион ташкил намудани баромадҳои шахсони мутасаддӣ бо мақсади дарку фаҳмиши шаҳрвандон аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва тағйиру иловаҳои ба онҳо воридшуда мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешанд.



Муассисаи давлатии "Маркази амалигардонии равзанаи ягона" дар ҳамбастагӣ бо Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар муҳлати то якуми ноябри соли 2022 бо мақсади танзими масъала дар

>>> Идомааш дар саҳ. 11 >>>

# ТАБРИКОТИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД БА МЕЪМОРОНИ ҶУМҲУРӢ БАХШИДА БА ИДИ КАСБИАШОН

**5 октябри соли 2022, ш. Душанбе**

***Муҳтарам меъморон ва собиқадорони соҳа, ҳамкасбони азиз!***

Ҳамаи шуморо бо ҷашни касбиатон - Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ сидқан табрик намуда, бароятон саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти ҳаррӯзаатон ба хотири шукуфоии Ватани азизамон дастовардҳои нав ба нав орзу менамоям!

Меъморӣ шуғли мураккаб ва пурмасъулият буда, яке аз касбҳои бонуфуз дар ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, барои ташаккули пойдории зисту зиндагонии мардум мо меъморону сохтмончиён дар назди ҷамъият, дар назди насли ояндаи миллат як масъулияти хосаеро ба ӯҳда дорем.

Бисёр муҳим аст, ки меъморон анъанаҳои бойи миллии аз наслҳои гузаштаамон боқимондаро нигоҳ медоранд, барои маҳфуз ва эмин нигоҳ доштани мероси таърихию фарҳангиамон диққати ҷиддӣ медиҳанд ва дар баробари ҳамаи ин барои тарбия ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд саҳм мегузоранд.

Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ин самт эҷодиёти бойи миллӣ, таҷриба ва истифодаи усулҳои навини меъморони ҷумҳурӣ метавонад имконияти сохтмони биноҳои истиқоматии камхарҷ ва бо ҳузуру ҳаловатро барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба бор оварад ва ҳамзамон симои шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишинро зебо ва барои зиндагӣ муносиб гардонад.

Бояд таъкид намуд, ки дастгирию ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешрафти соҳаи меъморӣ ва сохтмон пайваста эҳсос мегардад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати заҳмати созандаву фидокоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарифи Тоҷикистон ба дастовардҳои арзанда дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ расидааст, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар авҷ буда, дар ин радиф иншооти меъмории боҳашамату нотакрор, ба монанди бинои Қасри миллат, Кохи Наврӯз, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ,



Нишону Парчами давлатӣ қомат афрохтаанд, ки барои мардуми кишвар дар пешравӣ, ташаккул ва худшиносии миллӣ аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, барои сайёҳон ҷойҳои тамошобоб ба ҳисоб мераванд.

Дастовардҳои зикршуда гувоҳи онанд, ки дар пойтахти Тоҷикистони азизамон сохтмони манзил, меҳмонхонаҳо ва иншооти иҷтимоию фарҳангӣ васеъ ба роҳ монда шуда, дар муддати начандон тӯлонӣ намуди пойтахтамон дигаргун, зебо ва дилписанд гардидааст. Услуби якҷояи Аврупо ва Шарқ ва меъмории миллӣ, ки дар сохтмони иншоот ва биноҳо истифода мешаванд, шаҳри Душанберо ба пойтахти замонавию беназир мубаддал мегардонад ва ин маҳсули кори меъморони тоҷик мебошад.

Бояд қайд намуд, ки бо қабул ва татбиқи як қатор санадҳо ва нақшаҳои тарҳрезишуда соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмони мамлакатамон бемайлон рушд намуда истодааст.

Асосгузори ҳамаи азнавсозиҳо, ташаббускорӣ ва илҳомбахши сохтмони иншооти азиму стратегӣ дар ҷумҳурӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки ҳамеша соҳаи сохтмону меъмориро, ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳими ҷомеа дастгирӣ менамоянд. Итминони комил дорам, ки сарзамини хуршедии мо Тоҷикистони азиз таҳти Сарварии Президенти мамлакат бо низоми пешрафтаи давлатдорӣ ва симои хоси миллӣ ҳамсафи кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон мегардад.

Мавриди зикр аст, ки хонаро пойтахти зиндагӣ мегӯянд, ки бесабаб нест. Аз ин рӯ, кӯшиш мекунем, ки ин «пойтахт» ҳамеша чароғон бошад. Сарвари давлат дар Паём зикр карданд, ки ҳар нафар метавонад хонаи худро бо тарҳи меъмории хоси миллати тоҷик бунёд намояд ва ба фарзандони худ мерос гузорад. Имрӯзҳо ҳар хонае, ки сохта мешавад, хоҳ дар маҳал ва хоҳ дар марказ, ҳам зиндагии соҳибхона ва ҳам намои шаҳру деҳоти моро зебоӣ мебахшад. Мардуми тамаддунофари тоҷик ба зиндагии аз ин ҳам беҳтару роҳат шоиста аст. Зебоию ободии шаҳрҳо, кӯчаю хиёбонҳо, биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва ҳазорҳо коху қасрҳои муҳташам аз заҳмати биносозону меъморон аст.

Меъморон масъулияти касбии худро нисбат ба пешрафти соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк менамоянд ва ҳамарӯза барои амалӣ гардонидани вазифаи мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Қобили зикр аст, ки меъморони ҷумҳурӣ дар корҳои лоиҳакашии сохтмони бинову иншооти ҷашнӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуда, барои боз ҳам зебо ва обод гардонидани Ватани азизамон саҳми босазои худро гузоштанд.

Бори дигар ҳамаи Шумо - ҳамкорони азиз, меъморон ва собиқадорони соҳаро бо ҷашни касбиатон муборакбод гуфта, бароятон саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти касбиятон қуллаҳои баланди тахассусӣ, муваффақиятҳои беназиру дастовардҳои нав ба навро ба хотири татбиқи нақшаҳои тарҳрезишуда баҳри шукуфоии Ватани азизамон орзу менамоям!

Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ муборак, ҳамкасбони гиромӣ!

**Бо эҳтиром,**
**Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Маҳмадсаид ЗУВАЙДЗОДА**

# ТИРАМОҲ БАРОИ МЕЪМОРОН МАВСИМИ НАТИҶАБАНДИСТ

Дар арафаи Рӯзи Умумиҷаҳонии меъморӣ, ки дар ҳамаи мамлакатҳо дар рӯзи душанбеи якуми моҳи октябр гузаронида мешавад, дар шаҳри Москва чорабиниҳои байналхалқии меъмории иттифоқҳои меъморони мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бахшида ба 90-солагии таъсисёбии Иттифоқи меъморони Шӯравӣ ва 30-солагии таъсисёбии Ассотсиатсияи Байналхалқии иттифоқҳои меъморони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (АБИМ) баргузор гардид.

Дар маҷлиси тантанавӣ, раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон - президенти АБИМ Баҳром Юсупов дар бораи бурду бохти фаъолияти ташкилот дар солҳои гузашта ва нақшаҳои оянда суханронӣ намуд. Б.Н. Юсупов ҳозиринро бо лоиҳаҳои таъсиси Ҷоизаи байналхалқии «Меъмори сол» ва Ҷоизаи Байнидавлатии ИДМ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ шинос кард. Тасдиқ шудани чунин ҷоизаҳо дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ба баланд гардидани сатҳи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, мақоми касби меъморӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъсири хуб мерасонад.

АБИМ бахшида ба ин ҷашнҳо нишонҳои сарисинагии «90-солагии Иттифоқи меъморони СССР» ва медали «Барои мустаҳкам намудани иттиҳоди байналхалқӣ» («За укрепление международного содружества») таъсис дод ва дар қатори дигар меъморон аз мамлакатҳои ИДМ, як гуруҳ меъморони ҷумҳурӣ - аъзоёни Иттифоқи меъморони Тоҷикистон бо ин нишонҳои байналхалқӣ сарфароз гардиданд.

Бахшида ба ин ҷашнҳо Намоиш -озмуни байналхалқии беҳтарин асарҳои меъморони ИДМ гузаронида шуд, ки дар он зиёда аз 100 лоиҳаи беҳтарини меъморони Арманистон, Озарбойҷон, Белоруссия, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Сербия, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба намоиш гузошта шуданд. Меъморони Тоҷикистон сазовори як Дипломи дараҷаи якум, як Дипломи дараҷаи дуюм ва ду Дипломи дараҷаи сеюм гардиданд.

Инчунин бояд ёдовар шуд, ки моҳи сентябр дар шаҳри Қазон Намоиш-озмуни XXXI байналхалқии лоиҳаҳои дипломии хатмкунандагони донишгоҳҳои меъморӣ баргузор гардид. Ба ин намоиш-озмуни байналхалқӣ зиёда аз 700 корҳои дипломии хатмкунандагони донишгоҳҳои меъмории Россия, Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон пешниҳод гардиданд. Корҳои дипломии хатмкунандагони кафедраи меъморӣ ва шаҳрсозии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ - Шанбиев Ардашер (роҳбараш Мирзоева Ф.З.) сазовори Дипломи дараҷаи якум, Бобоқулов Абдулазиз (роҳбараш Исмаилов М.И.. ва Юсуфов К.Х.) ва Юлдошев М. (роҳбар Шерматов М.У. ва Юсуфов К.Х.) сазовори Дипломҳои дараҷаи дуюми намоиш-озмун ва Дипломҳои Ассотсиатсияи Байналхалқии иттифоқҳои меъморони ИДМ гаштанд. Боварӣ дорем, ки ин муваффақияти аввали онҳо дар сатҳи байналхалқӣ илҳоми эҷодии онҳоро бедор намуда, дар оянда ба эҷоди лоиҳаҳои беҳтар водор месозад.

Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон меъморони ҷумҳуриро, ки сазовори дипломҳои Намоиш-озмунҳои байналхалқӣ, нишонҳои «90-солагии Иттифоқи меъморони СССР» ва медалҳои Ассотсиатсияи Байналхалқии иттифоқҳои меъморон гаштанд, муборакбод намуда, ба онҳо дар корҳои эҷодиашон муваффақиятҳои нав таманно менамояд.



**Дар акс бо устодони гиромиқадр Доктори илмҳои меъморӣ, профессор Акбаров Акрам ва профессор Негматов Икромҷон. Соли 2021, шаҳри Душанбе**

# БА МУНОСИБАТИ 60-СОЛАГИИ ОМӮЗИШИ КАСБИ МЕЪМОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Дар акс Академик Юсупов Баҳром Нарзиевич дар рӯзи ҷашни 65-солагиашон бо устодон, дӯстон - аъзоёни Иттифоқи меъморони Тоҷикистон**

Ҳанӯз дар мактаби миёна ҳавас доштам, ки рассом шавам. Расмҳои кашидаамро одатан ба маҷаллаи "Машъал" барои чоп мефиристодам. Бисёриашон чоп намешуданд ва зиёд маъюс мешудам. Бисёр ҳам мехостам, ки ҳунарамро дар ягон донишгоҳе сайқал диҳам. Хушбахтона, пас аз хатми мактаби миёна соли 1972 ба факултети меъмории Донишгоҳи Политехникии Тоҷикистон дохил шудам. Шиносоии нахустин бо ҳамкурсҳои меҳрубон, устодони азиз, мавзуъҳои ҷолиб дар бораи санъати меъморӣ маро водор месохт, ки нисбат ба дарсҳои ҳаррӯза хело ҳам ҷиддӣ бошам.

Дарсҳоямон асосан дар мавзеи ба номи "Стройфак" тақрибан 9 км дуртар аз маркази шаҳри Душанбе ҷойгир буд, мегузаштанд. Аз курси аввал то хатми факултети меъморӣ банда фақат бо устодони соҳибмаълумот, сахтгир ва некхоҳ дучор мешудам. Кӯшиш мекардам, ки аз таҷрибаву роҳнамоиҳои устодон дар ҷодаи санъати меъморӣ самаранок истифода намоям.

Маҳз бо шарофати устодони гиромиқадр, меъморони варзидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Каримов, Акрам Акбаров, Анвар Тоатов, Қурбоналӣ Наимов ва дар ҷодаи санъати тасвирӣ устодон Савзанов С., Сорокоумов А. ва Шералиев Ш. ман тавонистам каме ҳам бошад, роҳи худамро дар ҷодаи санъати меъморӣ пайдо намоям.

Пас аз хатми таҳсил бо шарофати устодони гиромиқадр дар ҷодаи санъати меъморӣ банда тавонист дар институтҳои лоиҳакашӣ ва ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ ба ҳайси меъмор, сармеъмор ё роҳбар кор кунам. Соли 2021 доктори илмҳои меъморӣ устод Муқимов Рустам Саматович маро барои кор дар факултети меъморӣ даъват намуданд. Дар вақти муайянгардида ба факултети меъморӣ ва дизайн ҳозир шудам. Ростӣ аз дидани бинои хело ҳам зебо ва меъмории муосири факултети меъморӣ ва дизайн хело ҳам шод шудам. Шояд як вақтҳо ин орзуи деринаи ҳамаи мо меъморон буд.

Илова бар ин боз чеҳраҳои неки устодони азиз, ки тақрибан 45 сол пеш ба мо санъати меъмориро омӯхтанд, вохӯрдам. Инҳо устодон Мамаҷонова Солия, Акрам Акбаров, Нигматов Икромҷон ва Қурбоналӣ Наимов буданд, ки аз диданашон хело ҳам шод шудам. Имрӯз ҳам онҳо хаста нашуда, барои рушди санъати меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои болаёқатро омода менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки хатмкунандагони давраи мо лаёқати худро дар ҷодаи санъати меъморӣ хеле ҳам хуб нишон дода тавонистанд, ки обрӯ ва эътибори хосаеро на танҳо дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар арсаи байналмилалӣ ба даст оварданд.

Мо имрӯз бо чунин ҳамкурсони азиз хатмкунандагони маҳз ҳамин кафедраи меъморӣ Юсупов Б., Юнусов М., Саидзоиров М., Пайшамбиев Ш., Хайруллоев Ҳ., Ёғибеков С., Муҳаммадиева С., Нурматова Р., Ҷанатшоев И., Забунов В., Сухов А., Маҳкамов Ҳ., Мирзошарипов М., Каримов Р., Манонов Н., Зокирхоҷаев Б., Курохтина Л.,Прибавкина Н., Ле Л., Подкорытова Г., Ракитянская И., Репин С., Солодянкина Н., Лобакова Л., Эркабаева Ф., Абдухолиқова М., Урунбоев М., Болтаев А., Шарипов Т., ки аз рӯи ихтисосашон дар институтҳои лоиҳакашӣ, сохтмонҳо ё идораҳои давлатию шахсӣ ба ҳайси меъморони варзида ё сохтмончӣ фаъолият менамуданд, ифтихор мекардем.

Яке аз ҳамсабақони мо Юсупов Баҳром Нарзиевич, дар ҷодаи меъморӣ ба муваффақиятҳои баланди эҷодӣ расид. Номбурда барандаи унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, Меъмори фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, академики Академияи Байналхалқии Меъморӣ (Москва), академики Академияи Байналхалқии меъмории мамлакатҳои Шарқ, барандаи Ҷоизаи байналхалқии меъмории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ҷоизаи Байналхалқии Британияи Кабир дар соҳаи меъморӣ ва дизайн, Ҷоизаи Иттифоқи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меъморӣ, Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ дар соҳаи меъморӣ, ки ҳоло Раиси Иттифоқи Меъморони Тоҷикистон ва ду маротиба ба вазифаи президенти Ассотсиатсияи Байналхалқии иттифоқҳои меъморони мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интихоб гаштааст ва дар бисёр озмунҳои меъмории байналмилалӣ иштирок намуда, бо чандин медалҳову дипломҳо сарфароз гардонида шудааст, боиси ифтихори натанҳо мо ҳамкурсон, балки Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Имрӯз мо тамоми устодон, донишҷӯён ва хатмкунандагони ин боргоҳи илму маърифатро ба муносибати ҷашни 60-солагии омӯзиши касби меъморӣ дар Тоҷикистон табрик намуда, ба эшон саломатӣ, комёбию ва дар корҳои эҷодиашон бурдбориҳоро орзумандем.

**Амиршо ГУЛАМАДОВ,**
**муовини Раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, профессори Академияи Байналхалқии меъмории ш. Москва**

**Гуламадов Амиршо баъд аз хатми факултаи меъморӣ ва сохтмони Институти политехникии Тоҷикистон, соли 1977 дар пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Тоҷикколхозпроект»-и шаҳри Душанбе фаъолияти меҳнатӣ ва эҷодиашро сар карда, то ба вазифаи сармеъмори пажуҳишгоҳ ва пас аз он дар вазифаҳои директори пажуҳишгоҳи «Тоҷиккоммунпроект» ва «Помирархпроект» фаъолият намудааст. Аз соли 2003 ба бахши лоиҳакашии Бунёди Оғо Хон дар Кобул ба кор таклиф шуда, то соли 2010 дар вазифаи меъмори калон, солҳои 2010-2013 роҳбари бахши меъморӣ ва аз соли 2013 то соли 2018 (то баромадан ба нафақа) дар вазифаи сармеъмори Бунёди Оғо Хон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон фаъолият намудааст.**

**Соли 1982 ба аъзогии Иттифоқи меъморони ИҶШС интихоб гаштааст. Дар давоми фаъолияти меҳнатиаш зиёда аз 150 лоиҳаи биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ ва ҷамъиятиро иҷро намуда, дар бисёр озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ширкат варзида, сазовори ҷоизаҳои озмунҳои меъморӣ гаштааст. Соли 2015 бо унвони фахрии Иттифоқи меъморони Тоҷикистон «Устоди меъморӣ» сарфароз гаштааст. Соли 2018 дар Анҷумани XXVII Иттифоқи меъморони Тоҷикистон ба аъзогии Раёсат ва муовини Раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон интихоб гардидааст.**

**5-октябр Рӯзи забони давлатӣ эълон гардида, ба феҳристи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ ворид карда шудааст. Санаи 22-юми июли соли 1989 дар Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон қонуни забон қабул гардида буд.**

**Вале қисме аз муқаррарот ва меъёрҳои қонуни забоне, ки дар замони сохти гузашта расмият ёфта буд, бо гузашти замон, яъне баъди бист соли амали он наметавонистанд талаботу ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеаи кишварро дар даврони соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолӣ пурра қонеъ гардонанд.**

**Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омад, ки барои ҳифз ва рушди забони модариамон қонуни нави забон таҳия ва қабул карда шавад.**

**Бо ин мақсад, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид.**




# ГӮЁТАРИН ДАЛЕЛИ ҲАСТӢ



Рӯзи 5-октябри соли равон дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри гиромидошти Рӯзи забони давлатӣ маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримов Диловар, мудири шуъбаи маҷаллаи «Садои Шарқ» нависанда Баҳманёр Муродӣ, кормандони дастгоҳи марказӣ, роҳбарон ва кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита иштирок намуданд.

Муовини Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Каримзода ҳозиринро бо Рӯзи забони давлатӣ табрик намуда, аз ҷумла, гуфт:

- Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо фармоиши Раиси Кумита аз 13 майи соли 2022, №48/ф комиссия оид ба татбиқи забони давлатӣ дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Комиссия вазифадор карда шудааст, ки татбиқи амалӣ ва риояи ҳатмии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро дар дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита таъмин намояд.

Комиссия оид ба татбиқи забони давлатӣ тибқи нақшаи чорабиниҳо ба кормандони дастгоҳи марказӣ ва ташкилоту муассисаҳои зертобеъи Кумита дарсҳои омӯзиши забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва дигар чорабиниҳоро баргузор намуда истодааст. То имрӯз се маротиба ҷаласаҳои комиссия баргузор гардида, масъалаҳои вобаста ба ин мавзуъ баррасӣ гардиданд.

Забони тоҷикӣ дар раванди ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутобро тай карда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахту сангини таърих гузаштааст ва имрӯз, яъне дар даврони соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлати миллӣ низ рисолати худро ба сифати яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва омили ҷомеасозу ваҳдатофарин идома дода истодааст.

Таҳкими забону фарҳанги миллӣ як унсури муҳими давлатсозӣ ва яке аз хизматҳои арзандаю барҷастаи Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди таърих ва халқи тоҷик маҳсуб меёбад.

Нақши ду қаҳрамони халқи тоҷик - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва Устод Садриддин Айнӣ ҷиҳати ба маснади баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ хеле бузург аст.

Устод Айнӣ дар замони худ таъкид намуда буд, ки забони пурасолати тоҷикиро аз забони тоҷикони кӯҳистон пайдо намудан мумкин аст. Дар мақолаи машҳури худ «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон», ки 12 сентябри соли 1924 дар саҳифаи якуми рӯзномаи «Овози тоҷик» ба табъ расида буд, чунин нигоштааст: ***«Моро лозим аст, ки дар китобҳои мактабии тоҷикон забони кӯҳистони тоҷикро қабул кунем. Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии содда, аз такаллуфоти эронӣ холӣ, ба луғатҳои арабии ношунида халт наёфта ва ба сарфу нахви форсӣ мувофиқ аст».***

Ин андеша то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст. Табиатан ҳам чунин аст, ки агар баъзе унсурҳои лаҳҷаю шевароро сарфи назар намоем, забони нисбатан тозаву софу соддаву беолоишро аз забони тоҷикони кӯҳистон пайдо кардан мумкин аст.

Забон неъмати бебаҳои зиндагии аҳли башар мебошад. Инсон фақат тавассути забон метавонад эҳсос ва фикру андешаҳои худро ифроз намояд.

Забони миллӣ ойинаи пурҷилои таърих, ҷаҳони маънавӣ ва хираду маърифати ҳар як халқу миллат ба шумор меравад.

Гузашта аз ин, дар фарҳангу тамаддуни халқу миллатҳо, аз ҷумла, мо - тоҷикон забони модарӣ зербинои ҳуввияти миллӣ ва омили аслии ҳифзи он мебошад.

Забони модарии мо - забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ, ки донишу маърифати дар тӯли ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст, гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихии миллати мо ба ҳисоб меравад.

Яъне миллати шарафманди тоҷик таъриху фарҳанги камназири худро бо ҳамин забон иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Решаҳои забони мо ба садсолаҳои пеш аз мелод ва асрҳои аввали солшумории нав, бахусус, ба даврони мавҷудияти забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, портӣ ва паҳлавӣ рафта мерасанд.



Имрӯз аҳли олам моро бо номи «тоҷикон», давлатамонро бо номи «Тоҷикистон» ва забонамонро бо номи «забони тоҷикӣ» мешиносанду эътироф мекунанд.

Бо ин забон садҳо ва ҳазорон бузургмардону нобиғагон дурри сухан суфтаанд ва осори безаволу мондагорро баояндагон мерос гузоштаанд.

Ҳикмат ва ахлоқи инсонпарварӣ, ки ҷавҳари осори ниёгони мост, бо забони муқтадиру пурвусъат ва ширину гуворои тоҷикӣ асрҳо боз садо медиҳад ва сарвати фарҳангиву маънавии миллати мо бо ҳамин забон оламро тасхир кардааст.

Осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Аттору Саноӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Мавлоно Ҷомӣ ва садҳо нафари дигар, ки ҳанӯз чандин аср пеш навишта шудаанд, имрӯз барои мардуми мо дастрасу фаҳмо ва азизу гиромӣ мебошад.

Ин осори ҷовидонаро ҳар як фарзанди соҳибмаърифати миллат имрӯз ба осонӣ ва бе луғат мехонаду мефаҳмад.

Сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримов Диловар ва мудири шуъбаи маҷаллаи «Садои Шарқ», нависанда Баҳманёр Муродӣ аз муқаррарот ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мақому манзалати забони тоҷикӣ, гиромидошт ва риоя намудану ғанӣ гардонидани забони давлатӣ ёдовар шуданд.

Дар анҷоми маҷлиси тантанавӣ Абдураҳмон Каримзода афзуд, ки дар Паёми табрикии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ аз 4 октябри соли ҷорӣ омадааст: - «Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар миллат аст. Бинобар ин, саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва ниҳоят муҳим мебошад. Зеро тавре ки таъкид карда будам, «забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад».

«Аз ин рӯ, вазифаи ҳар фарди бонангу номус ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст. Зеро бузургтарин вазифаи ҳар фарди худогоҳу ватандӯст, ки бо фарҳангу забони худ эҳтиром мегузорад, поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷи бебаҳо ва ба наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузоштани ин забони шевою шоирона мебошад».

**Д. НУРЗОДА,**
**«РБ»**

# ФАЪОЛИЯТИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗИРО БА ТАНЗИМ ОВАРЕМ



<<< Идома аз саҳ. 7 <<<

асоси ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ руйхати иншооте, ки барои сохтмони онҳо иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ дода шудааст, вале нусхаи он барои корбарӣ ба Хадамоти назорат пешниҳод нагардидааст, омода ва барои чораҷӯӣ ба Кумита пешниҳод намоянд.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, супоришҳои протоколӣ ва нақшаи чорабиниҳо чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Бо мақсади таҳкими интизоми иҷро ва сифатан беҳтар намудани фаъолият, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои система, роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, директорони корхонаҳои фаръии корхонаи воҳиди давлатии "Лоиҳакаш"-и Кумитаро вазифадор менамоям, ки:

- таҳти масъулияти шахсӣ иҷрои саривақтӣ ва босифати дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, супоришҳои протоколӣ ва нақшаи чорабиниҳоро таъмин намуда, ба ҳолатҳои кашолкорӣ дар ин самт ва пешниҳоди маълумоти умумию такрорӣ ва ба мазмуну муҳтавои супориши назоратӣ номувофиқ қотеъона роҳ надиҳанд;

- амалишавии ҳадафҳои «Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2022-2025)"-ро таъмин намуда, аз рафти иҷроиши он охири ҳар моҳ ба роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намоянд;

- иҷроиши "Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025"-ро якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъмин намуда, аз натиҷааш охири соли равон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- иҷроиши барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, иҷроиши "Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", иҷрои Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди саноат барои солҳои 2022-2026", иҷрои саривақтии Нақшаи чорабиниҳо дар бораи ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешида, аз натиҷааш дар муҳлатҳои муқарраргардида маълумот пешниҳод намоянд.

Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтии супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2022, №21458 (275) дар бораи баҳодиҳии ҳолати техникии бинои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дар асоси он тартиб додани хулосаи ҳолати техникӣ, аз ҷониби Кумита гуруҳҳои корӣ таъсис дода шуда, масъаларо дар маҳал мавриди омӯзиш қарор доданд. Барои дар сатҳи баланд баҳогузорӣ намудан ва таҳлили дақиқи ҳолати муассисаҳо барномаи махсусгардонидашудаи компютерӣ "Равзана" таҳия карда шуда, айни замон маълумотҳои дастрасшуда барои баҳогузорӣ ба барнома ворид гардида истодаанд ва пас аз ҷамъбаст ба таври муфассал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда мешавад.

Дар ин раванд баъзе сармеъморон ва директорони корхонаи лоиҳакаш фаъолияти намунавӣ нишон дода супоришро дар сатҳи зарурӣ саривақт иҷро намуданд. Ҳоло аз фурсат истифода бурда, миннатдории роҳбарияти Кумитаро ба директорони корхонаҳои фаръии корхонаи воҳиди давлатии "Лоиҳакаш" дар шаҳру ноҳияҳои Ховалинг, Спитамен, Файзобод, Шаҳринав, Хоруғ, Ашт, Айнӣ, Гулистон, Зафаробод, Шаҳристон, Ҷаббор Расулов, Ёвон, Норак, Бохтар ва Варзоб ҷиҳати саривақт бо масъулияти баланди хизматӣ иҷро намудани супориши зикршуда баён менамоям.



Айни замон иҷроиши фоизи умумии воридкунии маълумот дар барнома ҳамагӣ 40 фоизро ташкил медиҳад, ки ин аз ба таври дахлдор ташкил накардани кор аз ҷониби сармеъморон ва директорони корхонаҳои фаръии КВД "Лоиҳакаш"-и баъзе аз шаҳру ноҳияҳо дарак медиҳад. Айни замон дар асоси гузориши роҳбарияти КВД "Лоиҳакаш" муҳлати ҷамъоварии маълумотҳои марҳилаи якум то санаи 29 октябри соли 2022 тамдид карда шуд.

Аз ин лиҳоз, ба роҳбарони гуруҳҳои корӣ, сармеъморон, КВД "Лоиҳакаш" ва корконаҳои корхонаҳои фаръии он супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар муҳлати муқарраршуда ба иҷро расонидани супориши мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Кумита ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №133 "Дар бораи саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023" тадбирҳои зарурӣ андешида, нақшаи чорабиниҳо оид ба саривақт омода намудани Кумитаи меъморӣ ва сохтмон барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 таҳия ва бо фармоиши Раиси Кумита аз 21 апрели соли 2022, №42/ф тасдиқ карда шуд. Дар асоси нақшаи чорабиниҳо дар дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита ситодҳои доимоамалкунанда низ таъсис дода шудааст.

Сардори раёсати сохтмон ва раванди ҳамгирой, сардори шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот, роҳбарони корхонаҳо ва зерташкилотҳои Кумита вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омодагӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023-ро дар сатҳи зарурӣ таъмин намоянд.

Оид ба ислоҳи камбудӣ ва ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта, масъалаҳои ҳалталаб ва самтҳои афзалиятноки соҳа Кумита ҳамарӯза чораҷӯӣ намуда истодааст ва дар амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат кормандони Кумита, сохтмончиёну меъморон, лоиҳакашон, сармеъморони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо заҳмати софдилона ва иқдому фаъолияти ватандӯстонаи худ барои ободу зебо гардонидани Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Сипас, сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ Абдураҳимзода Парвиз, Хадамоти иҷозатномадиҳӣ Абдурасулзода Шаҳриёр, сардори Раёсати экспертизаи давлатӣ Ашурзода Бахтиёр, директори ҶСК «Шаҳрофар» Шамсидинзода Тоҷидин, директори ҶСК «Саноатсоз» Мализода Баҳром, директори ҶСК «Корезлоиҳа» Каримов Эраҷ, директори КВД «Лоиҳакаш» Шарифзода Дилшод, директори КВД ПИТ «Сохтмон ва меъморӣ» Саломов Муродбек, директори КВД «Маркази нархгузорӣ» Ниёззода Азизбек, директори МД «Равзанаи ягона» Сафарзода Абубакр ҳисобот доданд.

Дар анҷоми ҷаласа оид ба масъалаи ҷамъбастӣ лоиҳаи қарор бо пешниҳоду иловаҳои баёншуда тасдиқ карда шуд.

**«РБ»**

# СИМОИ ШАҲРИ ХУҶАНДРО БА КУЛЛӢ ДИГАРГУН НАМОЕМ

## (Муаррифии наздик ба 100 лоиҳаи иншооти сохташаванда)





Бо шарофати даврони соҳибистиқлолӣ имрӯз дар ҳамаи гӯшаю канори Тоҷикистони азиз он қадар иншооти аз лиҳози тарҳу лоиҳакашӣ гуногун қомат рост мекунанд, ки қаблан, дар даврони шӯроҳо ҳатто тасаввур ҳам карда наметавонистем. Аммо ин воқеият асту феълан дар дурдасттарин рустои кӯҳистон ҳам аҷоиб биноҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву варзишӣ сохта мешаванд. Метавон гуфт, ки ҳоло бо дарназардошти он ки дар мамлакат сулҳу салоҳ ҳукмрону иқтисодиёт чун омили муҳим боло меравад, бахши сохтмон дар айни рушд қарор дорад. Шаҳрҳои кишвар дар ин даврони соҳибистиқлолӣ ба хубӣ симои худро тағйир медиҳанду зебову ҷолиб ва дилкаш ҷилванамоӣ мекунанд ва сайру саёҳат кардан кӯчаҳои он боиси шодмониву фараҳ мебошад. Дар ин радиф шаҳри бостонии Хуҷанд низ истисно нест.

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва Раиси шаҳри Хуҷанд Фирдавс Шарифзода бо нақшаҳои муфассали лоиҳаҳои иншооти нав, аз қабили биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, маъмурӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, варзишӣ ва марказҳои муосири савдою хизматрасонӣ, ки асосан дар кӯчаву хиёбонҳои Исмоили Сомонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сирдарё, Гагарин ва Истиқлоли маркази вилоят солҳои наздик бунёд мешаванд, шинос шуданд.

Зимни шиносоӣ бо сад адад нақшаҳои муфассали тарҳи биноҳо раиси вилоят ба масъулини шаҳрсозӣ, ширкатҳои сохтмонию лоиҳакашӣ ҷиҳати мутобиқ ба стандартҳои меъморӣ ва ба инобат гирифтану сохтани он бо зебоибахши санъати меъмории миллӣ супоришҳои мушаххас дод.

Ба Раиси вилояти Суғд иттилоъ дода шуд, ки тарҳи биноҳо аз даромади шаҳр дар хиёбони Исмоили Сомонӣ мутобиқ ба нақшаи генералӣ тартиб дода шуда, симои шаҳрро ба кулли дигар месозад. Аз ҷумла, дар мавзеи варзишгоҳи «Спартак» нақшаи муфассали ҷойгиршавии 21 адад биноҳои 16 ошёна бо назардошти муассисаҳои таълимӣ, фарҳангию тафреҳӣ муаррифӣ карда шуд.

Аз буриши кӯчаҳои Шарқу Гагарин ва буриши кӯчаҳои Камоли Хуҷандӣ ва Гагарин нақшаи муфассали бунёди силсиламаҷмааи ширкати ватании «Элит-сохтмон» муаррифӣ карда шуд, ки бо тарҳи муосир ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин дар кӯчаи Сирдарё силсилаи биноҳои баландошёнаи замонавӣ, иншооти варзишӣ меҳмонхонаҳо, марказҳои савдою тиҷорат сохта мешавад, ки симои он ба куллӣ тағйир меёбад.

Раҷаббой Аҳмадзода амалӣ намудани иқдоми мазкурро дар фароҳам овардани шароити аз ин ҳам беҳтари кору зиндагӣ барои сокинон муҳим арзёбӣ намуда, таъкид дошт, ки сохтмони тамоми иншоот дар муҳлати муайяншуда бо риояи тамоми талаботи меъморию шаҳрсозӣ ба анҷом расонида шавад.

Ҷиҳати васеъ намудани роҳҳо, чароғонкунии кӯча, биноҳои баландошёнаи истиқоматию маъмурӣ ва кабудизоркунии муҳити атроф, ба талабот гирифтани шабакаҳои коммуналӣ низ супоришҳои мушаххас дода шуд. Сипас, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо иштироки ширкатҳои сохтмонӣ, соҳибкорон, меъморон, шаҳрсозон мулоқоти Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода сурат гирифт.

Таъкид гашт, ки имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор имтиёзоту дастгириҳо барои бунёди манзилу иншооти гуногун фароҳам оварда шудааст. Иншооти сохташаванда бояд барои садсолаҳо пешбинӣ ва бо сифати баланд сохта шаванд. Бо риояи санъати баланди меъмории милливу муосир бунёд гардидани иншооту биноҳо, боғу гулгаштҳои замонавӣ ва таҷдиду навсозии хиёбону кӯчаҳо ба шаҳри Хуҷанд воқеан ҳусни тоза мебахшад.

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иқдомҳои созандаи мардум мо бояд то 35 солагии Истиқлолият симои маркази маъмурии вилояти Суғд - шаҳри Хуҷандро ба куллӣ дигаргун намоем ва ин ҳама бо заҳмати аҳлонаву ватандӯстонаи сокинон ва соҳибкорони бонангу номус амалӣ карда мешавад.

**Ҷовиди АШТӢ**





# ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД, РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ



**Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо андуҳи зиёд хабар медиҳад, ки раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд 22 октябр пас аз бемории вазнин дар синни 53-солагӣ аз олам даргузашт.**

**Аҳли кормандони Кумита ба наздикон ва пайвандони марҳум изҳори тасаллият намуда, аз Худованди муттаол сабри ҷамил хоҳонанд.**

Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд 2 марти соли 1969 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ. Аз соли 1987 то соли 1989 дар сафи Артиши шӯравӣ адои хизмат намудааст. Соли 1989 ба техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе дохил шуда, онро соли 1991 бо ихтисоси техники бинокор хатм намудааст.

Соли 1999 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ ва соли 2011 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимиро бо ихтисоси муҳандис-сохтмончӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1991 дар Раёсати сохтмонии «Монолит-2»-и ҶСК «Монолитстрой» дар вазифаҳои усто, муҳандис оид ба таъминот, саркор, сармуҳандис ва сардори ҳамин корхона давом додааст. Моҳи сентябри соли 2006 ба вазифаи Директори ҶСК «Монолитстрой», (аз моҳи январи соли 2007 номи ҶСК «Монолитстрой» ба ҶСК «Сомон-Тоҷиксохтмон» иваз карда шуд) таъин шуда, то моҳи январи соли 2009 кор кардааст. Аз 16 январи соли 2009 ба вазифаи Директори генералии ҶСК «Тоҷиксемент» таъин шуда, то соли 2013 фаъолият намудааст.

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2013 Директори Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, то соли 2017 фаъолият намудааст.

Аз 12 январи соли 2017 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини аввали Раиси шаҳри Душанбе таъин шудааст. Аз 18 ноябри соли 2020 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст.

Бо ордени «Шараф» дараҷаи 1 ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.

Хотираи неки Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд ҳамеша дар ёду дили ҳамкорон ва дӯстон боқӣ хоҳад монд.

Руҳашон шод бод!

---

Ҳайати Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон аз вафоти бемаҳали ходими давлатӣ, Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД**

сахт андӯҳгин гашта, ба аҳли оилаву пайвандони марҳум ҳамдардии амиқи худро изҳор менамоянд.

---

## МАЪРАКАИ ОБУНАШАВӢ БА «РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН» БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД!




**Арзиши солонаи обуна:** 96 сомонӣ
**Индекси обунаи рӯзнома:** 69022
**Суратҳисоби бонкии рӯзнома:**
**С/Ҳ:** 20202972700838101000
**Ҳ/М:** 20402972316264
**РМА:** 010081778
**КИБ:** 350101626
**БДА ҶТ «Амонатбонк»**

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!**

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки маъракаи обунашавӣ ба «Рӯзномаи бинокорон» барои соли 2023 идома дорад. Муддати понздаҳ сол аст, ки «Рӯзномаи бинокорон» дар саҳифаҳои худ аз ҳаёту фаъолияти ҳамкасбони шумо, дар бораи навгониҳои илму техника, меъёру санадҳои сохтмонӣ ва мавҷудияти ҷойҳои корӣ, нарху навои масолеҳи бинокорӣ ва макони дарёфти онҳо маводи ҷолибу муфассал чоп менамояд. Агар хоҳед, ки анъанаи понздаҳсола канда нашаваду Шумо аз навгониҳои оламу ҷумҳурӣ бехабар намонед, пас

**БА «РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН» ОБУНА ШАВЕД!**

Пешниҳоду дархост, номаҳои табрикӣ ба ёру дӯстон ва наздикон, рекламаю эълон, эҷодиёти бадеӣ, очерку мақолаҳои худро низ ба унвони идораи рӯзнома фиристед!

**Аз хусуси ахбори таъҷилӣ ба мо занг занед!**
**Мо ҳамеша омодаем бо Шумо ҳамкорӣ намоем!**

Бинобар он, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки дар маъракаи обуна ба «Рӯзномаи бинокорон» фаъолона иштирок намуда, ҳамкориро бо мо мустаҳкам намоед!

---

**Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли қалами «Рӯзномаи бинокорон» ба мушовири директор оид ба масъалаҳои меъмории КВД ПИЛҶ «Сохтмон ва меъморӣ» Шаҳобов Миршариф бинобар вафоти**

**ДУХТАРАШОН БАРНО**

**ҳамдардии амиқ изҳор намуда, аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**

---

**Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсти экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ ва аҳли қалами «Рӯзномаи бинокорон» ба сармуҳосиби КВД «Ташхисгар»-и Раёсти экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ Назирзода Абдулҳақ Раҷаб бинобар вафоти**

**ПАДАРАШОН**

**ҳамдардии амиқ изҳор намуда, аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**

---

**Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсти экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ ва аҳли қалами «Рӯзномаи бинокорон» ба тарҷумони КВД «Ташхисгар»-и Раёсти экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ Қурбонбеков Ҷумъабек бинобар вафоти**

**БАРОДАРАШОН**

**ҳамдардии амиқ изҳор намуда, аз Худованди мутаол сабри ҷамил хоҳонанд.**

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

*аз 18 октябри соли 2022, №119/ф, ш. Душанбе*

***Дар бораи амалишавии қарорҳои ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2022, №7/2022 "Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти раёсату шуъбаҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо барои ҷамъбасти соли ҷорӣ"***

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», бандҳои 8 ва 13 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст, бо мақсади амалишавии қарорҳои ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2022, №7/2022 "Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти раёсату шуъбаҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо барои ҷамъбасти соли ҷорӣ",

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Муовини якум ва муовинони Раиси Кумита, роҳбарони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита, роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва директорони корхонаҳои фаръии КВД "Лоиҳакаш":

- барои таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаи чорабиниҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 21 декабри соли 2021, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Протоколҳои маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ ва Нақшаи кории Кумита дар соли 2022 чораҳои зарурӣ андешанд;

- ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203 "Дар бораи Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2022-2025)" якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чораҷӯӣ намоянд;

- тахти масъулияти шахсӣ иҷрои саривақтӣ ва босифати дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои протоколӣ ва нақшаи чорабиниҳоро таъмин карда, ба ҳолатҳои камолкорӣ дар ин самт ва пешниҳоди маълумоти умумию такрорӣ ва ба мазмуну мухтавои супориши назоратӣ номувофиқ қотеъона роҳ дода надиҳанд;

- иҷроиши "Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025"-ро якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъмин намоянд;

- иҷроиши "Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025"-ро таъмин намоянд;

- ҷиҳати таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди саноат барои солҳои 2022-2026" чораҷӯӣ намоянд;

- ҷараёни иҷрои корҳои сохтмонӣ дар иншооти стратегӣ ва аҳамияти ҷумҳуриявидошта, инчунин иншооти ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифташударо тахти назорат қарор диҳанд;

- оид ба иҷрои Барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

***2.*** Муовини Раиси Кумита (Файзуллозода Н.Қ.), сардори раёсати шаҳрсозӣ, директори ҶСК "Шаҳрофар", мудирони шуъба ва бахшҳои меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳрҳои Норак, Леваканд ва ноҳияҳои Вахш, Балҷувон ҷараёни мувофиқасозии тасҳеҳи нақшаҳои генералии шаҳрҳои Норак, Леваканд, ноҳияҳои Вахш ва Балҷувонро бо вазорату идораҳои дахлдор то охири моҳи ноябри соли 2022 ба анҷом расонида, бо тартиби муқаррааргардида барои баррасӣ ва тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

***3.*** Муовини якум ва муовинони Раиси Кумита, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита низоми коргузориро дар раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои система дар сатҳи зарурӣ мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ташкил ва ба роҳ монда, иҷрои босифат ва саривақтии вазифа ва ӯҳдадориҳои вобасташударо таъмин намоянд.

***4.*** Муовини Раиси Кумита (Файзуллозода Н.Қ.), сардори раёсати шаҳрсозӣ, сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумита фаъолияти мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро дар самти амалӣ намудани фаъолият тибқи талаботи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии тасдиқгардида ба танзим дароранд.

***5.*** Муовини якуми Раиси Кумита (Умарзода У.Х.) ва сардори шуъбаи ҳуқуқ ҷараёни таҳия ва мувофиқасозии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии банақшагирифташударо дар соли 2022 тибқи тартиби муқаррааргардида амалӣ намоянд.

***6.*** Муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), сардори раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон ва директори КВД "Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон" барои ба таври объективӣ муайян намудани арзиши корҳо ва нархи масолеҳ, инчунин аз нав мукаммалсозӣ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрии дар соҳаи нархгузорӣ амалкунанда, ки дар солҳои 2004, 2007 ва 2008 қабул гардида то ҳол мукаммалсозӣ гардонида нашудаанд, чораҳои зарурӣ андешанд.

***7.*** Муовини якуми Раиси Кумита (Умарзода У.Х.), муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), сардори раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон, директори ҶСК "Шаҳрофар", директори КВД "Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон", директори КВД "Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ" ва директори МД "Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ" иҷроиши Нақшаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии Кумитаро барои соли 2022 дар муҳлатҳои муқаррааргардида таъмин намоянд.

***8.*** Муовини якум ва муовинони Раиси Кумита, сардори раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон, сардори раёсати шаҳрсозӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита Нақшаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии Кумитаро барои соли 2023 то санаи 1 ноябри соли 2022 омода ва пешниҳод намоянд.

***9.*** Муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), сардори раёсати сохтмон ва раванди ҳамгироӣ ва директори ҶСК "Корезлоиҳа" масъалаи пешбурди мониторинги доимии таъминоти шаҳру ноҳияҳо бо оби нӯшокӣ ва партовобҳоро ташкил намуда, натиҷаи онро ҳар семоҳа пешниҳод намоянд.

***10.*** Муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), мудири бахши кадрҳо, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши кормандон курсҳои омӯзишӣ, озмунҳо ва семинарҳо ташкил намоянд.

***11.*** Муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), сардори раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон ва директори КВД "Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон" аз ҳисоби намояндагони фармоишгарон, пудратчиён ва дигар мутахассисони дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис дода, таҳлили ҳолати мувофиқатии арзиши захираҳои сохтмонии пешниҳодшаванда бо арзиши корҳои иҷрошударо гузаронида, натиҷаи онро пешниҳод намоянд.

***12.*** Роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба додани иҷозат барои оғоз намудани корҳои сохтмонӣ дар давоми се рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани ариза чораҷӯӣ намуда, ба Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ва Муассисаи давлатии "Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ" маълумот пешниҳод намоянд.

Муовини Раиси Кумита (Файзуллозода Н.Қ.), сардори раёсати шаҳрсозӣ, сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ва директори МД "Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ" дар муҳлати то 1 ноябри соли 2022 бо мақсади танзими масъалаи дар боло зикршуда дар асоси ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ руйхати иншооте, ки барои сохтмони онҳо иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ дода шудааст, вале нусхаи он барои корбарӣ ба Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ пешниҳод нагардидааст, омода ва барои чораҷӯӣ ба роҳбарияти Кумита пешниҳод намоянд.

***13.*** Муовини якуми Раиси Кумита (Умарзода У.Х.), муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои масъули Кумита, гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба баррасии саривақтии масъалаҳои иншооти "НБО Роғун" барои таъмини иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини назорати сифати иҷрои корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншооти "НБО Роғун", танзими меъёрию техникӣ, назорати ҷадвали корҳои лоиҳакашӣ ва аз экспертизаи давлатӣ гузаронидани лоиҳаҳоро зери назорати доимӣ қарор дода, мунтазам дар ин самт чораҳои амалӣ андешанд.

***14.*** Муовини Раиси Кумита (Каримзода А.Р.), роҳбарони корхонаҳо ва зерташкилотҳои системаи Кумита, роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, директорони корхонаҳои фаръии КВД "Лоиҳакаш"-и Кумита иҷроиши нақша-супориши обунашавӣ ба "Рӯзномаи бинокорон" ва Маҷаллаи илмӣ-оммавӣ ва фарҳангии "Меъморӣ"-ро барои соли 2023 таъмин намоянд.

***15.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони Раиси Кумита аз рӯи салоҳияташон вогузор карда шавад.

***Раиси Кумита Маҳмадсаид Зувайдзода***





# ИСФАРА: ПАС АЗ ЯК МОҲИ МУНОҚИШАИ МАРЗӢ

Аз муноқишаи марзӣ миёни сарҳадбонони қирғизу тоҷик, ки рӯзҳои 14-17-и моҳи сентябр ба вуқуъ пайваст як моҳ сипарӣ шуд ва бо гузашти рӯзу ҳафтаҳо, бо кам-кам зудуда шудани хотираи мағшуш аз ин ҳодисоти гарону сангин, аз ин фоҷеа, ки нафақат амволи мардум зарар дидаву нобуд шуда, балки ҷонҳои бегуноҳи чанд тан сарбозону афсарони шуҷо баҳри ҳимояи марзу буми Ватан ва сокинони касбу кори гуногун бохта шуданду ҷойи онҳо пур нашуданист, зиндагӣ боз оҳиста-оҳиста дар он минтақаҳои зарардида: ҷамоатҳои деҳоти Хистеварз, Овчӣ-Қалъачаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ҷамоатҳои деҳоти Чоркуҳу Ворухи Исфара ба маҷрои қаблиаш бармегардад.

Ҳоло сокинони ин деҳоти осебдида иншооти харобшуда, аз қабили манзил, бунгоҳҳои тиббӣ, мактаб, масҷид, нуқтаҳои савдою хизматрасониро барқарор месозанд. Ҷиҳати саривақт бартарафсозии оқибатҳои ин низои марзӣ ва то фарорасии мавсими сардӣ ва боришот бо дастури Президенти мамлакат ин ҷо ситоди вилоятӣ созмон дода шудааст, ки шабонарӯзӣ фаъолият дошта, ҷараёни корҳои барқарорсозиро ба низом даровардаву роҳбарӣ мекунад. Аз ҷараёни кори сохтмону таъмири ҳашарчиён дар деҳаи Сомониёни Ҷамоати деҳоти Чоркуҳ, ки зиёд талафоти ҷониву молӣ дидааст, шинос шудем. Дар ҳама он ҳавлии сокинони деҳа, ки манзилашон хароб шудааст, ҷӯшу хурӯши корҳои бартарафсозию барқароркунӣ ба мушоҳида мерасад. Хурду калони маҳала ҳама як ҷону як тан ба кор часпидаанд, дар биное аллакай боми хонаро мепӯшанду дар дигаре дару тиреза ва дар сеюми девори хонаро мебардоранд.

Маъруфҷон Муҳаммадзода, раиси ситод дар ҷараёни суҳбат иброз дошт, ки дар умум аз ин тирпаронииҳои марзбонони қирғиз 90 манзили сокинони деҳаҳои Сомониёни ҷамоати деҳоти Чоркуҳ ва Ворухи Исфара, Овчӣ-Қалъача ва Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров комилан нобуд шуда, зиёда аз 50 манзил қисман, як мактаб тамоман ва боз ба чанд иншооти муҳими иҷтимоӣ қисман осеб расидааст. Ҳоло ба хотири барқарорсозии иншоот: манзилу бунгоҳ ва мактаб худи сокинони деҳаҳо сарҷамъона ба ҳашар баромада, то имрӯз сохтмону таъмири аз 60 то 70 дар сади биноҳоро анҷом додаанд.

- Самимона, бо тамоми ҳастиям мехоҳам арзи сипос намоям, ки маҳз бо дастгирии фаврии Ҳукумати мамлакат, хосатан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ситод таъсис ёфта, аллакай хонаамон аз нав барқарор мешавад, - мегӯяд Аброриддин Розиқов, сокини зарардидаи деҳаи Сомониён. - Чӣ илоҷ, аз ин низоъ, аз ин бераҳму шафқатии марзбонони қирғиз панҷ дар хонаам, мошини сабукрав ва як комбайни ҳосилғундор пурра ба коми оташ рафтанд. Дар ин як моҳи бартарафсозӣ оқибатҳои ин муноқиша аъзоёни ситоди вилоятӣ дар талошанд, ки дастури Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то якуми ноябр анҷом додани ҳама корҳои барқарорсозӣ татбиқи худро ёбад. Дар ин самт худи Пешвои миллат аз аввалинҳо шуда кӯмаки худро дар шакли масолеҳи бинокорӣ ба мо офатдидагони Исфараю Бобоҷон Ғафуров расониданд ва албатта, то сардии ҳаво соҳиби сарпанохи худ мешавем. Мехоҳем дар мулкамон фақат тинҷиву амонӣ шавад.

То имрӯз аз тамоми гӯшаву канори кишвар ва боз аз ҳамватанони бурунмарзӣ, корхонаю ширкатҳо, соҳибкорони алоҳида ба бошандагони маҳалли зарардида ҳамарӯза кӯмакҳо аз қабили масолеҳи бинокорӣ, маводӣ ғизоӣ мерасанд, ки ситод онҳоро ба оилаҳои осебдида тақсим мекунад.

- Дар масъалаи масолеҳи сохтмонӣ хушбахтона, мушкилӣ нест, - мегӯяд Маъруф Муҳаммадзода, сардори ситод, - ба бисёр корхонаву ширкатҳо доимӣ муроҷиат пеш меоранд, ки дар кадом масъала мушкилие пеш меояду кадом масолеҳи сохтмониро ба мо дастрас кунанд, агар суръати сохтмон дар ҳамин сатҳ идома ёбад, кулли иншоот дар вақташ барқарор хоҳад шуд. Аз ин рӯ, ҳар рӯз аз дигар деҳу маҳалҳо ҷиҳати кӯмак расонидан одамони касбу корашон гуногун ҳозир мешаванд ва дар сохтмону таъмири манзилу мактаб, нуқтаҳои дигари зарардидаи иҷтимоӣ саҳм мегузоранд.

Маврид ба зикр аст, ки пас аз таъсисёбии ситоди бартарафсозии оқибатҳои муноқишаи сарҳадӣ ва ба хотири саривақт анҷом додани корҳои таъмиру сохтмонӣ ҳамаи мактабҳои олии дар вилояти Суғдбуда низ таъсмим гирифтанд, ки дар ин кори хайр саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, давоми як моҳ ҳафтае ду рӯз аз сад нафар зиёд донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба оилаҳои зарардидаи деҳоти дар боло зикрёфта бевосита кӯмак мекунанд. Чанд рӯзи охир бошад, ин ташаббуси ду донишгоҳро донишҷӯёни Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии шаҳри Бӯстон низ дастгирӣ карда, ба ҳашари барқарорсозӣ ба Исфара сафарбар гаштанд.

- Ба фикрам дар ҳамин шабу рӯзҳои мушкили ин мардуми зараррасидаю офатдида ба кӯмакашон шитофтан, хусусан, аз ҷониби донишҷӯён, ин худ як ватандориву ватандӯстӣ ва амали хайр ҳам мебошад, - мегӯяд Аюбҷон Усмонзода, - ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Маҳз ҳамдиливу ҳамраъйӣ бо мардум дар қалби ҷавонон дар чунин рӯзҳои вазнин ташаккул меёбад.

Баробари таъмиру азнавсозии биноҳои истиқоматии сокинони зарардида бо тамоми асбобҳои рӯзгор ва бо кӯмаки ғизоӣ фаро гирифта шудаанд. Умедворем, рӯзҳои наздик сокинони зарардида дар манзилҳои азнавбунёдшуда бӯрёкӯбон хоҳанд кард.

**Ӯ. ЭРКАЕВ**

# ФАЙЗАЛИЕВА РАҶАБМОҲ САИДҲУСЕЙНОВНА



**Собиқ сармуҳаррири маҷаллаи «Меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар синни 62 солагӣ аз олам чашм пӯшид. Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли қалами «Рӯзномаи бинокорон» ба наздикон ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ намуда, аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**

ФАЙЗАЛИЕВА Раҷабмоҳ Саидҳусейновна 15 январи соли 1960 дар ш. Бохтар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ. Соли 1983 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва соли 1991 Донишкадаи иҷтимоии Поволжйеи Федерацияи Россияро хатм кардааст. Ихтисосаш филолог, сиёсатшинос. Узви иттиҳоди байналмилалии журналистон.

Солҳои 1983-1988 муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Нури Илич», солҳои 1988-1989 дар вазифаи муовини шуъбаи прапаганда ва агитатсияи Кумитаи ҳизбӣ кор кардааст. Солҳои 1989-1991 дар Донишкадаи иҷтимоии сиёсии Поволжйе таҳсил намудааст. Солҳои 1991-1995 ба ҳайси муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Ғозималик» фаъолият намудааст.

Аз соли 1995 то соли 2001 мудири шуъбаи корҳои занон ва баъдан муовини раиси ноҳияи Ғозималик шуда кор кардааст. Солҳои 2001-2002 хабарнигори парламентии «Садои мардум», солҳои 2002-2003 сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Ғозималик» буд. Солҳои 2003-2004 хабарнигори Вазорати нақлиёти ҶТ, солҳои 2004-2006 хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» буд.

Солҳои 2006-2007 ҳамчун мутахассиси пешбари Вазорати нақлиёт шуда кор кардааст. Солҳои 2007-2009 мудири бахши занон ва оилаи шаҳраки «Оби киик», солҳои 2009-2011 раиси ҷамоати шаҳраки «Оби киик», солҳои 2011-2012 ба ҳайси хабарнигори махсуси вилояти Хатлон фаъолият кардааст.

Аз моҳи ноябри соли 2014 то моҳи июни соли 2021 дар вазифаи сармуҳаррири маҷаллаи «Меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекард. Моҳи июни соли 2021 ба нафақа баромада буд.

# КРОССВОРД

Деҳа, зодгоҳи Айнӣ

Сергапӣ, пурсуҳанӣ

Аз ҷое ба ҷое бурдан

Давлат дар Африқо

Чатр

Додар (лаҳҷавӣ)

Ҷойи задухӯрди русҳо бо Наполеон

Паёмбари «Инҷил»-дор

Мӯза онро дорад, туфлӣ не

Писари фарзанд

Нидои мухлисони футбол

Махлуқи оташфишони афсонавӣ

...у қимат

Ҳоло, акнун

Назар, нигоҳ

Як гузаштани сӯзану ришта аз матоъ

Ҳайвони хонагӣ, "дӯст"- и вафодор

Шоири асри 19-и тоҷик

Маликаи рус (номи кӯтоҳаш Лиза)

Як модели «Жигулӣ»

Тасарруф кардан

Таърифкунанда

Вақт, ҳангом

Тарз, сабк

Номи падарҳои Ленин ва Брежнев

Оби пешаш баста

Шамоли форам

Шаҳр дар Япония

Давлат дар Африқо

Майн ..., муаллифи "Савораи бесар"

Гурӯҳи варзишгарон

Нархи молро паст кардан

Тими футболи Бразилия

Бехудо, бедин

Чанг, ғубор, гард

Анҷом

Тамғаи мошин аз Корея

Таърихнигорӣ

Авлодӣ, меросӣ

Тамғаи шоколади чӯҷ

Хошок

Тухми моҳӣ

Аз взводҳо иборат аст

«ИМА» ба русӣ

Нависандаи англис Бернард ...

Асосгузори ансамбли "Лола", Ғаффор ...

Аз оилаи харсанг ё масолеҳи сохтмонӣ

Санги калон, кӯҳпора

Растании туршак

Ваъда додӣ вафо кун, қавл додӣ ... кун

Носири ..., шоири классик

«Миз» ба русӣ

Холабача, тағо ё амма

Маркази вилоят дар Украина

Хонабардӯш

«Духи» ба тоҷикӣ

Хонаи аз хишти яхин сохташудаи эскимосҳо

Шими Сталин

Дастгоҳи ултрасадои тиббӣ

Умеду орзу

Ноҳия дар Хатлон

Тороҷ, яғмо

Машқҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии ҳиндуҳо

Фарёд

Азза ва ...

Аз бехтар ҳам беҳ

Доништманд

"Шоҳи бадбахтӣ"-и Шекспир

Қитъаи олам











*Индекси обунаи рӯзнома:* 69022

*Суратҳисоби бонкии рӯзнома:* **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

*Муассис:*
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Учредитель:*
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг таҳти №0178 ва 17 марти соли 2009 таҳти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»
- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

*Сардабир*
Дилбар ТАБАРОВА

*Ҳайати таҳририя*
М. ЗУВАЙДЗОДА
А. КАРИМЗОДА
А. САФАРЗОДА

*Саҳифабанд*
Донийр САТТОРОВ

*Нишонии идораи рӯзнома:*
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-39, 227-22-07**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1150** нусха

*Арзиши солонаи обуна:*
96 сомонӣ

*Хабарнигорон:* Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)

*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ маводҳое низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Дар шумораҳои рӯзнома хабар ва акси гузоришҳо аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ «Ховар», шабакаи Интернет, муаллифон ва бойгонии рӯзнома истифода мешаванд.*